# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктор PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳхо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 - химия (назария ва методикаи таълими химия) пешниҳод гардидааст.**

Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамҷоягӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи баландбардории сифат ва рушди маориф чораҳои амалӣ андешида шуда истодаанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки низоми таълимро мувофики замон гардонанд.

Дар замони ҳозира накши ваҷҳхо ва ҳавасмандӣ рӯз аз рӯз афзуда истодааст, чунки сол аз сол ҳаҷми сарбории таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ зиёд шуда истодааст. Яке аз воситаҳои осон намудани мушкилии хонандагон, дар онҳо ташаккул додани ваҷҳхо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиш мебошад. Яъне масъала сари дигаргун сохтани шахсияти хонанда меравад. Яке аз доираҳои рушди шахсият дар баробари маънавӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, рӯҳӣ, эҳсосотӣ ва ғайраҳо, ин ҳавасмандӣ мебошад. Дар ҳолати надоштани хоҳиши хондан, ба фаъолияти хонанда аз берун бор кардани кореро дорад, ки бояд иҷро намояд. Фаъолияти таълимии хонандагон ҳодисаи мураккаб аст. Чи хеле ки психологҳо ва педагогҳо муайян намудаанд, асос дар ин фаъолият ҳалли вазифаҳо ва ташкили амалиётҳои таълимӣ, инчунин худназоратӣ, худбаҳодиҳӣ ба натиҷаҳо мебошад. Аз рӯйи ваҷҳхо равандҳои маърифатӣ, аз қабули ахборот сар карда, то мавҷудияти равандҳои мураккаб пайдо шудани эҳсосотҳои гуногун ба охир мерасад. Ташаккул додани ваҷҳхо ҳавсмандии хонандагонро ба омӯзиш зиёд намуда, сабаби афзун гаштани ҳисси шавқу рағбат ба таълим, аз он ҷумла химия мегарданд.

Мавзӯи интихобкардаи докторант PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна «Методикаи ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» яке аз мавзӯҳои актуалии замони муосир ба хисоб меравад.

Нақши муҳимми ваҷҳҳоро дар фаъолияти инсонӣ инчунин қисми зиёди психологҳои муосир низ эътироф мекунанд. Ҳавасмандӣ ҳамчун омили пешбари танзими фаъолнокии шахсият, рафтор ва фаъолияти он барои педагог ва падару модарон аз таваҷҷуҳи истисноӣ бархӯрдор аст. Моҳиятан ягон хел ҳамкории самарабахши иҷтимоию педагогӣ бо кӯдакон, наврасон, ҷавонон бидуни баҳисобгирии хусусиятҳои ҳавасмандии он имконнопазир аст. Ин ба раванди омӯзиш низ тааллуқ дорад.

Докторант PhD қайд мекунад, ки ҳамаи шакли фаъолият дар таълими химия, аз ҷумла таълими маърифатӣ низ ба талаботи илмӣ-дидактикӣ асос ёфтааст. Лекин ваҷҳ ҳамаи намуди фаъолият (меҳнат, муносибат, дарк намудан)-ро ҳавасманд менамояд. Барои ҳамин масъалаи ваҷҳ ва ҳавасмандӣ дар таълими химия ҳамчун воситаи асосии ба вуҷуд овардани шавқу ҳавас ба маълумоти химиявӣ мансуб мешавад.

Диссертатсия дар асоси методҳои таҳқиқот: методҳои назариявӣ; таҳлили адабиёти методӣ, психологию педагогӣ доир ба масъалаи методикаи ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандӣ; методҳои эмпирикӣ: мушоҳида, гузаронидани тест, пурсиши омӯзгорон ва хонандагон, муқоиса; методҳои таҳлили сифатӣ ва миқдории педагогӣ ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада ба роҳ монда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот:** вазъи омӯзиши масъалаи ваҷҳ ва ҳавасмандӣ дар психология ва методикаи таълими химия муайян карда шуд; меъёрҳои ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш дар таълими химияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян карда шуданд; принсипи омӯзиши мавод - муносибати бисёрзаминавӣ пешниҳод карда шуд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот:** методикаи ташаккул ва ташхиси ваҷҳҳо ва ҳавасмандии хонандагон доир ба омӯзиши химия дар

муассисаҳои таҳсилоти миёна таҳия карда шуд; суҳбатҳои эвристикӣ, дарсҳои омехта, таҷрибаҳо) вазифаҳои гуманитарии консепсияи таълими мактабӣ корҳои беруназсинфӣ ва ғайра бомуваффақият истифода кардан мумкин аст; тавсияҳои методиро оид ба ташаккул ва истифодаи ваҷҳҳо барои боз ҳам баланд бардоштани самаранокии омӯзишро омӯзгорон метавонанд дар ҳама зинаҳои таълими химия ва дигар фанҳо истифода намоянд.

**Таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Мукаррароти асосии рисолаи диссертатсионӣ дар маводи нашрияҳои муаллиф дар шакли мақолаҳо ва фишурдаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию амалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Теъдоди умумии интишорот 12 аз инҳо 9 мақолаи илмӣ ва 3 то фишурда дар конфиренсияи байналмиллалӣ ба чоп расонида шудааст. Дар нашрияҳои сабти Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 мақола ба чоп расидааст.

Бо назардошти арзиши илмию амалии автореферати диссертатсияи мазкур ва пешниҳоду дархостҳои автореферати доктор фалсафа PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD) ) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200- химия (назария ва методикаи таълими химия) пешниҳод гардидааст, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Саромӯзгори кафедраи «Фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» номзади илмҳои педагогӣ:** **Азимов Р.Р.**

**Имзои Азимов Р.Р.-ро тасдиқ мекунам.**

**Сардори ШК ва КМ ДЭТ дар н. Кушониён:** **Каримов З.А**

КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС